## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ба диссертатсияи Саидзода Муҳаммад Раҳим дар мавзуи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 - Экология**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.KOA-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар ҳайати зерин: раис, доктори илмҳои физика – математика, профессор Абдуллозода Сабур Фузайл ва аъзоёни комиссия – доктори фалсафа (PhD) Ҷурахонзода Рауф Ҷурахон, номзади илмҳои техникӣ, дотсент Иброҳимов Суҳроб Ҷанайдуллоевич бо қарори шурои диссертатсионии 6D.KOA-091 (протоколи №5 аз 15.12. с. 2025) мувофиқи талаботи фасли 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267, бо назардошти тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) ташкил карда шуд.

Комиссияи экспертӣ дар асоси шинос шудан ба рисолаи номзадии Саидзода Муҳаммад Раҳим дар мавзуи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 – Экология ва муҳокимаи он чунин хулоса қабул намуд.

Мавзуи диссертатсияи номзадии Саидзода М.С. мубрам мебошад, ки дар он бори аввал «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. То ҳол оид ба ин мавзуъ таҳқиқоти илмӣ ба пуррагӣ гузаронида нашудааст.

Мавзуъ ва муҳтавои рисолаи номзадии Саидзода М.Р. ба ихтисоси 2.9.6 – Экология мувофиқ буда, аз рӯйи он ба шуро қабул шудааст.

Муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 – Экология ва самтҳои афзалиятноки илм ки дар Стратегияи рушди Тоҷикистон то соли 2030 акс ёфтаанд пурра мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои диссертатсия пурра бо мақсад ва вазифаҳои гузошташуда оид ба «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» мувофиқат мекунад.

Коркарди технологияи муфид ва афзалияти экологидоштаи ҳосил намудани биоэтанол ва арзёбии экологии истифодашавии он ҳамчун модификатори камкунандаи миқдори партовҳои газӣ ва аэрозолӣ дар намунаҳои сӯзишвориҳои

бензинӣ гузаронида шудааст.

Саҳми шахсии муаллиф дар ҷустуҷӯ ва таҳлили адабиёти соҳавӣ, вазифагузорӣ ва таҳлили вазифаҳои гузошташуда, ташкили шароити мусоид барои гузаронидани таҳлилҳои эксперименталии озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои бадастовардашуда, ҷамъбасти мазмуни асосӣ ва таҳияи диссертатсия ва мақолаҳои илмӣ мебошад.

Унвонҷӯ ҳангоми иҷрои рисола дар асоси таҳиқотҳои гузаронидашуда 19 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми умумии 9,5 ҷ.ч., ба нашр расонидааст, ки аз ин шумора 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудааст ба табъ расидааст. Ду нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барои ихтироъкорӣ низ ба даст овардааст.

Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия пурра ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ҷавобгуй мебошад.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии бадастовардашуда тавассути истифодаи усулҳои муосири таҳлили химияи органикӣ ва нафтохимия, тариқаҳои таҳлили физикию химиявӣ ва методҳои биохимиявии таҳлил асоснок гардидааст.

Диссертатсияи Саидзода Муҳаммад Раҳим дар мавзуи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 – Экология, дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқиашон, ба ихтисоси 2.9.6 – Экология мувофиқат доранд ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд.

-Қодиров Анвар Саидкулович – доктори илмҳои техникӣ, директори Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои рақамии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

-Баҳронов Соҷидхон Манонҷонович – номзади илмҳои техникӣ, муовини директор оид ба масъалаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техникии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

-Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

-Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

-Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100) ва ирсол гардонидани

он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертии диссертатсияи Саидзода Муҳаммад Раҳимро дар мавзуи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 – Экология таҳлил ва баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 тартиби додани дараҷаи илмӣ

**ҚАРОР КАРД**

1. Диссертатсияи Саидзода Муҳаммад Раҳим дар мавзуи «Арзёбии экологии ҳосил намудани сӯзишвории биологии биоэтанол ва истифодаи он дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.9.6 – Экология, дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-091 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқиашон, ба ихтисоси 2.9.6 – Экология мувофиқат доранд ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд.

- Қодиров Анвар Саидқулович – доктори илмҳои техникӣ, директори Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои рақамии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- Бахронов Соҷидхон Манонҷонович – номзади илмҳои техникӣ, муовини директор оид ба масъалаҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таълиму омӯзиш ва хизматрасониҳои техникии Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100) ва ирсол гардонидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои физика – математика,
профессор, мудири лабораторияи физикаи
атмосфераи Институти физикаю техникаи
ба номи С.У. Умарови Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Абдуллозода С.Ф.

Имзои Абдуллозода С.Ф. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори Шуъбаи кадрҳои Институти физикаю техникаи ба номи С.У. Умарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Г.О. Бахтибекова

**Аъзоёни комиссия:**

доктори фалсафа (PhD), муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Ҷурахонзода Р.Ҷ.

номзади илмҳои техникӣ, дотсент, мудири кафедраи бехатарии фаъолияти инсон ва экологияи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Иброҳимов С.Ҷ.

Имзоҳои Ҷурахонзода Р.Ҷ. ва Иброҳимов С.Ҷ. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ Н.Ҳ. Қодирзода